# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05 майи соли 2023, таҳти №17 дар бораи сазовор донистани Ибодов Шухрат Маҳмадиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевичро дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва рекреатсионӣ дар таърихи 25.02.2023, суратмаҷлиси №10 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июли соли 2022, таҳти №196/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ибодов Шухрат Маҳмадиевич 31-уми январии соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси география - демография дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2012 хатм намудааст.

Соли 2012 ба шубаи магистратураи факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси геоитилоотӣ дохил гардида, онро соли 2014 хатм намудааст.

Солҳои 2013-2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи георафияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият намуда, аз соли 2018 то инҷониб муаллими калони кафедраи георафияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, ӯ солҳои 2015-2018 докторанти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, аз соли 2020 то 2022 ҷонишини декан оид ба илм дар факултети географияи донишгоҳи мазкур фаъолият намудааст.

Мавзуи диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» дар

ҷаласаи Шурои олимони факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 20.10.2015, таҳти №02 тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ маълумотномаи академӣ (транскрипт) оид ба имтиҳонҳои фанҳои таълимӣ санаи 13.12.2021 сол, таҳти №3 дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи георафияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ омода ва муҳокима шудааст. Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи георафияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (аз санаи 29.09.2022) ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, географияи табиӣ, геоэкология ва методикаи таълими география ва туризми факултети географияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ муҳокима гардида, аз 11-уми ноябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қаландаров Ахрорҷон Аҳмадович** – номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳимов Абдуфатоҳ Ибрагимович** – доктори илмҳои география, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Хуҷанд.

**Рауфӣ Абдуғаффор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаи КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои иқтисодӣ Насиров Р. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаи КАС-и Донишгоҳи аграрии Точикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ Анваров И.М. ва қотиби ҷаласа, лаборанти кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаи КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Салимова Р. Имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур санаи 25.04.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**


1. Ибодов, Ш.М. Захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор [Матн] / Ш.М. Ибодов // Паёми ДМТ. – 2018. – №5. – С. 103-108; ISSN 2413-5151.

2. Ибодов, Ш.М. Рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор. [Матн] / Ш.М. Ибодов // Паёми ДМТ. – 2018. – №2. – С. 137–141. ISSN 2413-5151.

3. Ибодов, Ш.М. Омилҳои дурнамои рушди туризм ва рекреатсия дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор. [Матн] / Ш.М. Ибодов., О.В. Гурукова. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – №2 (2). – С. 85-88; ISSN 2707-9996.

4. Ибодов, Ш.М. Рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои хоҷагии қишлоқ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор. [Матн] / Ш.М. Ибодов // Паёми ДМТ. – 2019. – №3/1. – С. 98-103; ISSN 2413-5151.

5. Ибодов, Ш.М. Самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор. [Матн] / Ш.М. Ибодов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. – №1 (1-2). – С. 26--31; ISSN 2707-9996.

6. Ибодов, Ш.М. Ташабусҳои созандаи асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-пешвои миллат дар иншооти бузурги аср, Роғун. [Матн] / Ш.М. Ибодов., Д.А. Мирзомуддинов // Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №1 (3). – С. 107-112; ISSN 2789-0953.

7. Ибодов, Ш.М., Наимов Ҳ. Таъсири офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти ҷамомадҳои маҳаллии водии Ҳисор. [Матн] / Ш.М. Ибодов., Ҳ.Ф Наимов //

Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. – №2 (3). – С. 141-145; ISSN 2789-0953.

8. Ибодов, Ш.М., Қаландаров, А.А., Раҳимов, Б.Э. Дурнамои рушди зерсоҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор [Матн] Ш.М. Ибодов, А.А. Қаландаров, Б.Э. Раҳимов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (16). – С. 80-86; ISSN 2707-9996.

9. Ибодов, Ш.М. Обҳои дохилии водии Ҳисор ва роҳҳои оқилона истифодабарии онҳо [Матн] / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи «Роҳҳо ва самтҳои истифодабарии самаранокии захираҳои обии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 219-226.

10. Ибодов, Ш.М. Нақши ландшафтҳои антропогении водии Ҳисор дар рушди туризм ва рекреатсия [Матн] / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Муҳиммияти рушди туризми дохилӣ». – Душанбе, 2017. – С. 153-160.

11. Ибодов, Ш.М. Таърихи рушд ва дурнамои энергетикаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор [Матн] / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ – амалӣ дар мавзуи «НБО – Роғун кафолати истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С. 107-109.

12. Ибодов, Ш.М. Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба пиряхҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор [Матн] / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои экологии имрӯзаи оби тоза ва саҳми он дар рушди устувори ҷомеъа». – Душанбе, 2020. – С. 81-89.

13. Ибодов, Ш.М. Проблемаҳои иқтисодӣ – географӣ рушди соҳаҳои нақлиёт дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор [Матн] / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», инчунин 80 солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 12-19.

14. Ибодов, Ш.М. Шароитиҳои иқлимӣ ва таъсири онҳо ба захираҳои обии пастхамии Зиддӣ [Матн] / Ш.М. Ибодов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», инчунин 80 солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 328-337.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Қурбонов Н.Б.** – муовини директор оид ба илм ва таълими Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ;

**Насирдинов И.М.** – дотсенти кафедраи молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ;

**Ёров Ҷ.Н.** – дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оиди аз як категория ба категорияи дигар гузаронидани заминҳои кишти зироатҳои пахта, полезиҳо ва хуроки чорво, рӯёнидани 2-3 ҳосил дар як сол аз заминҳои кишоварзӣ, асоснок намудани алоқамандии соҳаҳои иқтисодӣ, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, давраҳои таърихии муҳоҷиркунии аҳолии ноҳияи иқтисодии Ҳисор, бунёди иншоотҳои саноатии меҳнатталабро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D060901 (анъанавӣ: 25.00.24) – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда таҳқиқ шудаанд;

– таърихи ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор омӯхта шудааст;

– мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиии ноҳияи иқтисодии Ҳисор омӯхта ва таҳлил гардидааст;

– вазъи кунунии рушд ва ҷойгиршавии соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор таҳлил ва арзёбӣ шудааст;

– роҳҳои ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳия муайян гардидааст;

– аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои истифодаи самараноки онҳо дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор арзёбӣ шудааст;

– самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ ва муайян намудани таъсири он дар дурнамои соҳаҳои саноати ноҳия, муайян гардидааст;

– дурнамои рушди зерсоҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор муайян шудааст;

– проблемаҳои иқтисодӣ-географӣ ва имкониятҳои рушди соҳаҳои нақлиёт таҳлил ва ошкор гардидаанд;

– самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст,** ки натиҷаҳои бадастомада қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисорро густариш медиҳанд. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди илми география, иқтисодиёт, сайёҳӣ саҳми арзанда гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи география кумак расонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** иқтисодиёт, сотсиология, сиёсатшиносӣ, демография, харитасозӣ, оморӣ, моделсозии математикӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ, иқтисодию риёзӣ, моделсозии иқтисодӣ истифода шудаанд.

Ҳамчунин ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ ба монади Н.Т. Агафонов, Э.Б. Алаев, П.М. Алампиев, Д.Н Ғуфронов, Н.Н. Колосовский, М. Нурназаров, А.Е. Пробст, Ш.Т. Раҳмонов, Я.Г. Фейгин, Н.Х. Хоналиев, А.Т. Хрущев, Р.Н. Ҳайдарова, Қ.Ш. Ҷураев ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд ҷиҳати такмили ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, маводи таҳқиқоти мазкур метавонад дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои география – географияи табиӣ, географияи иқтисодӣ – ичтимоии Тоҷикистон, геоэкология, сайёҳӣ ва рекреатсия истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат менамоянд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои олимони соҳаи географияи иқтисодӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни

ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор гирифта, саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин менамоянд;

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди географияи иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян мегардад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, метавонанд дар рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор саҳми назаррас дошта бошанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 05 майи соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти №196/шд тасдиқ гардидааст 9 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 9 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои география, профессор** **Муҳаббатов Х.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Ҷӯраев А.**

**05 майи соли 2023**